Мастон

ЖОЛА

Барои шоира Жола

Жола бориду шохаҳои ниҳол
Бишикасту ба хок яксон шуд,
Дили ҷамъе, ки дошт соҳиби боғ
Ҳамчу барги хазон парешон шуд...
Жолае бо сафою ранги дигар
Тоҷа афтод аз самои сухан,
Аз ҷилои чу қандили нураш
Ёфт нури дигар сарои сухан.

Жолае дар намуди як зани пок
Муй қатронӯ чашму рӯ хандон,
Роҳ бикшод дар дили тоҷик
Бо сурудаш, алайҳи раҳбандон.

Омаду дар лиқои ӯ дидам,
Достони нахондаи дилро,
Аз адои садош бишнидам
Қумрии хушнавои манзилро.

Дар ду чашми ҳамешахандонаш
Гирьяҳои нуҳуфтае дидам,
Дар хазонрези мӯйҳои сараш
Орзуи шукуфтае дидам.

Дар суруди чу рӯд шевояш
Гавҳару дуррисуфта бисьёр аст,
Дар сукути хаёлпарвояш
Шеърҳои нагуфта бисьёр аст.

Мисли ҷоми зи бода моломол
Аз сухан, аз тарона лабрез аст,
Дӯстро дида, об мегардад,
Душманашро чу оташи тез аст.

Гуфтамаш: эй сафири мулки сухан,
Омадӣ, хуш биё ки пазмонам,
Ҷамъ кун хотири парешонро,
Ки ба ёдат ҳаме парешонам.

Эй парастуи осмони дилам,
Ҷониби ошьён ба парвоз о,
Носуруда чу достони дилам,
Дилбари меҳрубонтарин боз о!